ТАҚРИЗ

ба диссертатсияи Исуфов Шердил Ватанович дар мавзӯи «Хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020301-Таърихи ватанӣ)

Диссертатсияи Исуфов Шердил Втанович дар мавзуи «Хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945), яке аз мавзӯҳои актуалии илми таърих мебошад, ки аҳамияти зиёди назариявӣ ва илмӣ- амалӣ дорад.

Таърихи хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ яке аз мавзӯъҳоест, ки бе омӯхтани он таърихи тамоми давраҳои ҷанг ва саҳми мардуми ақибгоҳ ғайри имкон аст. Аз ин рӯ, омӯзиши таърихи хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоб дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ, дар замони муосир накши муассиру мондагор дорад.

Аз ин рӯ, мавзӯи рисолаи илмии Исуфов Шердил Ватанович дар мавзӯи «Хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоб дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945) муҳим арзёбӣ гардида, зарурати воқеӣ дорад.

Диссертатсияи мазкур аз муқаддима, ду боб, 6 зербоб, хулоса ва адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Дар муқаддима мубрамияти мавзуъ асоснок карда шуда, дараҷаи таҳқиқи он, мақсад, вазифаҳо, навовариҳои илмӣ, асосҳои методологӣ, заминаи манбаъвии кор, доираи хронологӣ ва ҷуғрофӣ, предмет ва объект, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, саҳми шахсии довталаб дар таҳқиқот, тасвиб ва амалишавии натиҷаҳои диссертатсия муайян шудаанд.

Боби якуми диссертатсия «Сафарбаркунии хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоб дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ” ном дошта, он аз се зербоб иборат мебошад.

Зербоби якуми боби аввал “Вазъи хоҷагии деҳоти вилоят дар арафаи Ҷанги Бузурги Ватанӣ” мебошад, ки дар он хоҷагии деҳоти вилояти Кулоб дар арафаи Ҷанги Бузурги Ватанӣ баррасӣ гардидааст.

Дар зербоби дуюми боби аввал “Чорабиниҳо оид ба пурзӯр намудани пойгоҳи моддӣ-техникии хоҷагии қишлоқ” баррасӣ гардидааст.

Дар зербоби сеюми боби якуми диссертатсия “Масъалаи таъмин намудани соҳаи аграрӣ бо мутахассисон ва дигар қувваҳои истеҳсолӣ” оид ба таъмин намудани соҳаи кишоварзии вилоят бо мутахассисон ва дигар қувваҳои истеҳсолкунанада сухан меравад.

Дар боби дуюми диссертатсия “Саҳми кишоварзони вилояти Кӯлоб барои ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ” нақши меҳнаткашони вилоят барои ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ сухан меравад.

Дар зербоби якуми боби дуюм “Мубориза меҳнаткашони вилоят барои таъмин намудани эҳтиёҷоти ҷабҳа” саҳми меҳнаткашони вилоят дар таъмин намудани ҷабҳа бо маҳсулот сухан меравад.

Дар зербоби дуюми диссертатсия “Корнамоиҳои сокинони деҳот дар истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ” қаҳрамониҳои сокинони деҳот дар истеҳсоли маҳсулоти кишварзӣ инъикос ёфтааст.

Дар зербоби сеюми боби дуюм “Ҳаёти маданӣ-маишии кишоварзони вилоят дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ” вазъи фарҳанги вилояти Кӯлоб дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ инъикос ёфтааст.

**Саҳми шахсии унвонҷӯи дарёфти дараҷи илмӣ** дар муайян намудани мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, муайян намудани объект ва предмети таҳқиқот, гузоштани масъалаҳои асосии таҳқиқот, коркард ва тафсири маълумотҳои бадастомада, коркарди муқарраroти назарияйӣ ва методӣ, пешниҳод намудани тавсияҳои амалӣ инъикос меёбад. Хулосаҳое, ки дар диссертатсия ба назар мерасанд, натиҷаи таҳқиқоти мустақилонаи унвонҷӯ ба шумор меравад.

Зикр кардан ба маврид аст, ки ҳуҷатҳои бойгониҳое, ки дар кори илмӣ истифода шудаанд, бе шубҳа характери навоварӣ доранд, зеро ин маълумотҳо дар тадқиқотҳои олимони давраи Иттиҳоди Шуравӣ ва

замони истиқлолият зикр нашудаанд. Барои ҳамин  аҳамияти тадқиқот барои  илми таърих арзанда мебошад.

Аз мазмун ва услуби баёни илмии диссертатсия, ки ба мавзуи «Хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945)» бахшида шудааст, маълум мегардад, ки, бешубҳа, мавзуи таҳқиқгардида кори илмии тахассусӣ буда, дар он ҳалли муаммои илмӣ, ки аҳамияти муҳиму афзалиятнокро дар рушди илми таърихи ватанӣ доро мебошад, ба талаботи Низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, барои дарёфт намудани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯи ихтисоси 6D020301-Таърихи ватанӣ ба ҳимоя тавсия карда мешавад.

**Муқарриз:**
**Доктори фалсафа (PhD) аз рӯи ихтисоси таърих,**
**мудири кафедраи таърих ва МТТ**
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб**
**ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ:** **Холмуродзода М.Б.**

“Имзои доктори фалсафа (PhD) аз рӯи
ихтисоси таърих Холмуродзода М.Б..-ро тасдиқ мекунам”
Сардори Раёсати кадрхо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абӯабдуллохи Рӯдакӣ: Амиров Ф.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Хатлон, ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров, 16.
Тел.:(+992 3322) 2-35-06
E-mail:info@kgu.tj

20.01.2022